Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!

ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 40 (493),
27 октябри
соли 2022

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

МУЛОҚОТ БО СОБИҚАДОРОНУ ФАЪОЛОН ВА АҲЛИ ҶАМОАТЧИГИИ ШАҲРИ КЎЛОБ

23 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб бо собиқадорону фаъолон ва аҳли ҷамоатчигии шаҳр мулоқот ва суҳбати самимӣ доир намуданд.

Дар оғози мулоқот Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдому ташаббусҳои сокинони шаҳри Кӯлоб барои дастгирӣ аз сиёсати созандаи роҳбарияти олии Ҳукумати мамлакат баҳои баланд доданд.

Президенти мамлакат собиқадоронро ҷиҳати саҳмгузорӣ дар таълиму тарбияи насли наврас, тарғиби сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳидоят намуданд.

Бо дарназардошти авзои имрӯзаи ҷомеаи байналмилалӣ таъкид гардид, ки бо истифода аз шароит ва иқлими мувофиқи шаҳр сокинон бояд ҳамасола дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳмгузор бошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон бо ёдоварӣ аз нишондодҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” сокинонро ҷиҳати тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва касбу ҳунардӯстӣ ҳидоят намуданд.

Риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омили муҳим дар самти пешгирӣ аз исрофкорию харҷи беҳуда маънидод карда шуд.

Собиқадорони шаҳри Кӯлоб дар навбати худ ба Пешвои муаззами миллат ҷиҳати таъмини зиндагии шоиста, ғамхорӣ ба ҳама табақаҳои ҷомеа, бахусус барҷомондагону собиқадорон изҳори сипос карданд.

ИДОМАИ “АЛБОМ-ЭСТАФЕТА” ДАР ХАТЛОН - саҳ. 3

ЗИНДАГИИ ШУКРОНА БО ЧАРХИ ОСИЁБ - саҳ. 5



САБАҚИ ТАЪРИХ ВА МАФКУРАСОЗӢ - саҳ. 6

САМАРАИ МЕҲНАТ - саҳ. 7

МУЛОҚОТ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОН ВА СОКИНОНИ ШАҲРИ НОРАК

24 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди ба кор андохтани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии “Норак” дар саҳни ҳавлии неругоҳ бо роҳбарону фаъолон ва сокинони шаҳри Норак мулоқот карданд.

Нахуст Сарвари давлат ҳамаи ҳозиринро ба муносибати ба кор андохтани агрегати якум ва ба ифтихори 50-солагии оғози фаъолияти ин неругоҳи азими кишвар табрику таҳният гуфтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Неругоҳи барқи обии “Норак” то имрӯз бузургтарин иншооти гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ ва муаррификунандаи иқтидорҳои азими гидроэнергетикии кишвари азизамон ба шумор меравад.

Таъкид гардид, ки дар неругоҳ аз оғози фаъолияти он то имрӯз зиёда аз 486 миллиард киловатт-соат барқ истеҳсол шудааст, ки беш аз 336 миллиард киловатт-соат ё 70 фоизи он ба давраи соҳибистиқлолии кишвар рост меояд.

Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти аҳаммияти неругоҳ дар рушди иқтисодии кишвар ва татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ ҳанӯз аз аввали солҳои 2000-ум таҷдиду барқарорсозии неругоҳи барқи обии “Норак”-ро оғоз карда буд.

Баъди татбиқи пурраи лоиҳа иқтидори лоиҳавии неругоҳ аз 3000 ба 3375 мегаватт расонида шуда, бо дарназардошти тавоноии барқароршаванда ва 375 мегаватт иқтидори иловагие, ки дар натиҷаи таҷдид ба даст меояд, иқтидори кории неругоҳ 775 мегаватт зиёд шуда, сатҳу сифати хизматрасонӣ дар неругоҳ бамаротиб беҳтар мегардад ва таъминоти аҳолии кишвар ва соҳаҳои иқтисодӣ бо неруи барқ хеле боло меравад.

Дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони шаҳр Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии давлатӣ дар самти рушду пешрафти соҳаҳои иқтисоди миллии шаҳри Норак андешаронӣ карданд.

Таъкид карда шуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шарофати дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат ва заҳмати содиқонаи мардуми кишвар тамоми шаҳру ноҳияҳои Ватани азизамон, аз ҷумла шаҳри зебоманзари Норак ба таври назаррас ободу зебо ва пешрафта гардидааст.

Тайи 31 соли охир барои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳр аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, дар маҷмӯъ, беш аз 4,8 миллиард сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети давлатӣ 530 миллион сомонӣ равона гардидааст.

Танҳо дар давоми 15 соли охир дар шаҳр 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 1,5 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи боз 7 лоиҳаи дигар идома дорад, ки дар доираи онҳо то имрӯз 1,3 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Илова бар ин, дар Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Норак барои солҳои 2021 - 2025 амалисозии 183 лоиҳа ба маблағи умумии 453 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳр ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои сокинон равона шудаанд.

Дар шаҳри Норак ҷиҳати таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатӣ 206 иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ бунёду азнавсозӣ гардида, ба истиқболи ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ бунёди боз 180 иншооти дигар пешбинӣ гардидааст.

Вобаста ба иқтидори бузурги сайёҳии шаҳр Сарвари давлат ба роҳбарияти вилояти Хатлон, шаҳри Норак ва масъулини соҳа барои ташкил намудани хатсайр барои сайёҳони хориҷиву дохилӣ дар мавзеъҳои истироҳативу фароғатии шаҳр ва обанбори неругоҳ, ташкили инфрасохтори муосир ва нуқтаҳои хизматрасонӣ супоришҳо доданд.

Тибқи маълумоти оморӣ ҳоло дар ҳудуди шаҳр 17 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ дар нуҳ моҳи соли 2022 ба 1 миллиарду 280 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 61 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Роҳбарону масъулини шаҳр вазифадор шуданд, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ҷиҳати таъсиси корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, фаъолгардонии иқтидорҳои мавҷуда дар асоси технологияҳои муосир ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар заминаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар намудҳои ашёи хом тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар робита ба вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сокинонро ба истифодаи самараноку оқилонаи ҳар як ваҷаб замин, вусъат додани кишти такрорӣ, парвариши сабзавоти барвақтӣ, рушди соҳаи моҳипарварӣ ва истифодаи васеи гармхонаҳо дар тамоми фаслҳои сол ҳидоят карданд.

Таъкид гардид, ки мардум бояд бо дарназардошти вазъи бисёр мураккаби ҷаҳони муосир ба сарфаю сариштакорӣ ва риояи қатъиву ҳатмии талаботи қонуни танзими расму ойинҳо ҷиддӣ муносибат намоянд ва фикри аҳли оилаву фарзандони худро кунанд.

Истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, захираи маводи сӯзишворӣ дар иншооти соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла мактаб ва марказҳои саломатӣ бо рои давраи тирамоҳу зимистон, тақозои замон шумурда шуд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки амалисозии нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати кишвар ба рушду тараққиёти ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла шаҳри Норак мусоидат карда, дар ояндаи наздик шаҳр боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии сокинони он хеле беҳтар мегардад.

Баъди суханронии Сарвари давлат сокинони шаҳри Норак, намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла Назира Мираҳмадзода – коргари НБО “Норак” ва Пирумшо Хоҷаев собиқадор баромад карда, ба Президент ва Ҳукумати кишвар барои талошҳову тадбирҳои созанда ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи мардум, изҳори сипос карданд.

www.prezident.tj

ИДОМАИ АКСИЯИ “АЛБОМ-ЭСТАФЕТА” ДАР ХАТЛОН

Аксияи ҷумҳуриявии “Албом-Эстафета” таҳти унвони “30-соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” бахшида ба 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ташаббуси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон роҳандозӣ гардидааст, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон идома дорад.

«АЛБОМ-ЭСТАФЕТА» ДАР МУЪМИНОБОД

Санаи 19 октябр Аксияи ҷумҳуриявии «Албом-Эстафета» дар ноҳияи Муъминобод бо иштироки Шарифзода Лутфия, раиси ноҳияи Муъминобод, Наврӯз Ҳусейнзода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Адолат Раҳмонова ва Рафиқа Мусоева – вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

Ёдовар мешавем, ки «Албом-Эстафета» аз шаҳри Кӯлоб ба ноҳияи Муъминобод расид. Чун анъана меҳмононро дар Қасри фарҳанги ноҳия бо суруду тарона ва гулдастаҳо истиқбол намуданд. Маҳсули дасти ҳунармандони ноҳия, дастовардҳои ҷавонону навраснон дар соҳаи варзиш ва китобҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маърази тамошо гузошта шуданд.

Сипас, дар толори Қасри фарҳанг бо иштироки меҳмонон ва сокинони ноҳия чорабинии мазкур идома ёфт. Шарифзода Лутфия, раиси ноҳияи Муъминобод қудуми муборакаи меҳмононро ба ноҳияи хушманзараи Муъминобод хайрамақдам хонд.

Дар ин ҳамоиш Адолат Раҳмонова ва Рафиқа Мусоева вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба моҳияту аҳамияти ин санаи тақдирсози миллат суханронӣ намуданд.

“АЛБОМ-ЭСТАФЕТА” ДАР НОҲИЯИ ВОСЕЪ

20-уми октябр Аксияи ҳизбии ҷумҳуриявии “Албом-Эстафета” ба истиқболи 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Восеъ расид. Субҳи имрӯз “Албом –Эстафета”-ро раиси ноҳияи Муъминобод Шарифзода Лутфия ва раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод Салоҳиддин Мирзобаротзода дар вазъияти тантанавӣ ба раиси ноҳияи Восеъ Шарифзода Ҷамшед ва раиси КИ ҲХДТ дар ноҳия Восеъ Сафар Ҳафиза Раззоқ супориданд.

Дар ҷамъомади идона бахшида ба ҷашни пуршукӯҳи кишварамон меҳмонон, аз ҷумла вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Адолат Раҳмонова ва Рафиқа Мусоева, инчунин, дигар фаъолони ноҳия иштирок доштанд. Дар ин рӯз бо мақсади арҷгузорӣ ба арзишҳои давлатдориву сиёсати пешрифтаи роҳбарияти олии кишвар ҳудуди 1000 нафар нафар аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар майдони марказии ноҳияи Восеъ ҷамъ омада буданд. Ҳамин тавр, иштирокчиён ҳамчун нишони арҷгузорӣ ба хизматҳои фарзандони вафодори Ватан дар назди пайкараи Восеъ гулгузорӣ намуданд.

Баъдан иштирокчиёни “Албом - Эстафета” бо ҷамъи меҳмонону ҷавонони худогоҳи ноҳия аз майдони марказӣ то Қасри фарҳанги ноҳия роҳпаймоӣ намуданд. Дар идомаи чорабинии мутантан меҳмонон аз намоиши ҳунарҳои муассисаҳои таълимӣ ва Муассисаи таҳсилоти иловагии ноҳия дидан намуданд. Дар намоишгоҳ ҳамчунин варзишгарони ноҳия дастовардҳои дар замони соҳибистиқлолӣ ноил гардидаашонро пешкаши иштирокчиён гардониданд.

Баъдан, идомаи чорабинӣ дар толори Қасри фарҳанги ноҳия баргузор гардид. Маросими расмиро Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода ифтитоҳ намуда, оид ба ташаббуси КИМ ҲХДТ - “Албом-Эстафета” ибрози андеша кард.

Дар чорабинӣ ҳамчунин сиёсатмадорони маъруфи кишварамон-вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Адолат Раҳмонова ва Рафиқа Мусоева баромад намуда, оид ба таърихи пуршарафи бунёдгузории давлати навинамон, нақши Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ дар бунёди давлати соҳибистиқлол изҳори андеша намуданд.

“АЛБОМ-ЭСТАФЕТА” ДАР НОҲИЯИ ҲАМАДОНӢ

Аксияи ҷумҳуриявии “Албом-Эстафета”, ки бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида истодааст, нимаи дуввуми рӯзи 20-уми октябр ҳизбиёни ноҳияи Восеъ бо роҳбарии Шарифзода Ҷамшед, раиси ноҳияи Восеъ ва Сафар Ҳафиза Раззоқ, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳия, “Албом-Эстафета”-ро ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ расониданд.

Мавриди зикр аст, ки дар ин чорабинии бошукӯҳ вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафиқа Мусоева ва Адолат Раҳмонова, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Одиназода Бозоралӣ Неъмат ва дигар меҳмонони расмӣ ширкат доштанд.

Дар даромадгоҳи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо иштироки садҳо нафар аъзои ҲХДТ, намояндагони Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон “Созандагони Ватан”, раиси ноҳия Одиназода Бозоралӣ Неъмат ва раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Аббос Сайидмуъминзода “Албом Эстафета”-ро қабул намуданд. Нахуст меҳмонон ва иштирокчиёни Аксияи ҷумҳуриявии “Албом - Эстафета” аз Корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ дидан намуданд. Зимни суҳбат бо коргарони корхонаи мазкур меҳмонон оид ба шароитҳои фароҳамгардида барои сокинони маҳаллӣ ибрози андеша намуда, аҳли кормандон, хусусан ҷавононро ба заҳмати софдилона ва саъю кӯшиш баҳри рушди иқтисодиёти кишвар даъват намуданд.

Дар идомаи Аксияи “Албом-Эстафета”, таҳти унвони “30-соли созандагӣ бо Пешвои миллат” бо иштироки зиёда аз 1000 нафар сокинони ноҳия роҳпаймоӣ доир гардид ва баъдан меҳмонон аз намоиши дастовардҳои ҳунарӣ, маҳфилҳои эҷодии наврасону ҷавонон ва рафти машғулиятҳои варзишии варзишгарони ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дидан намуданд. Баъдан дар толори Филармонияи мардумии ба номи Одина Ҳошим идомаи чорабинӣ баргузор гардид.

Зикр гардид, ки Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимтарин рӯйдоди даврони Истиқлоли давлатӣ арзёбӣ гардида, он ба таҳкими сулҳу субот, бунёдгузории давлатдории навини тоҷикон заминаи воқеӣ гузошт ва ҳама пешрафту дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳз аз Иҷлосияи тақдирсоз маншаъ мегирад.

Баъдан, Миралиён Қиёмиддин, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва Одиназода Бозоралӣ, раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз хизматҳои бузурги Сарвари давлат дар масири бунёди давлати соҳибистиқлол ёдовар гардида, аз ҷавонон даъват ба амал оварданд, ки бо илму ҳунаромӯзӣ ва хизмати содиқона ба Ватан дар рушду нумӯи кишвари азизамон саҳмгузор бошанд.

Мавриди зикр аст, ки вохӯриҳои сокинони шаҳру навоҳии вилояти Хатлон бо вакилони Иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бахшҳои муҳими Аксияи “Албом-Эстафета” таҳти унвони “30-соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” арзёбӣ мегардад, зеро мардум дар ин вохӯриҳо аз суҳбати бевосита бо шоҳидони воқеии даврони оғози бунёди давлатдорӣ аз заҳмату талошҳои Пешвои муаззами миллат баҳри расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ва таҳкими рукнҳои давлати тозаистиқлоламон огоҳӣ пайдо мекунанд.

Дар идомаи вохӯрӣ вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилоят ва раиси ноҳия дар вазъияти тантанавӣ ба як қатор ҷавонони ноҳия, ки ба сафи ҲХДТ пайвастаанд, шаҳодатномаҳои ҳизбӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ супориданд.

Дар фарҷоми чорабинии мазкур аҳли фарҳанги ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барномаи омоданамудаи худро пешниҳоди иштирокчиён гардониданд.

“АЛБОМ-ЭСТАФЕТА” ДАР ФАРХОР

Субҳи 21 октябр “Албом-Эстафета” таҳти унвони “30-соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” аз ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ноҳияи Фархор расид. Дар даромадгоҳи ноҳия намояндагони расмӣ-муовини раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон Наврӯз Ҳусейнзода, раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Одиназода Бозоралӣ, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Аббос Сайидмуъминзода “Албом Эстафета”-ро ба муовини раиси ноҳияи Фархор Камолзода Раҳматхӯҷа ва раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Фархор Муҳаммад Вализода супориданд.

Зимнан бо иштироки меҳмонон, роҳбарияти ноҳияи Фархор ва иштироки 2000 нафар сокинони ноҳия, аз ҷумла кормандони соҳаҳои гуногун, донишҷӯёну толибилмони муассиаҳои таълимии ноҳия ва собиқадорону волонтёрони ҲХДТ роҳпаймоӣ баргузор гардид. Мардуми сарбаланди ноҳияи Фархор бо шиору овезаҳои тараннумгари соҳибистиқлолӣ сулҳу ваҳдати миллӣ ва нақши Пешвои муаззами миллат “Албом Эстафета”-ро ба майдони марказӣ оварданд.

Дар ин рӯз ҳазорон нафар меҳмонону сокинони ноҳия шоҳиди марафони варзишӣ бахшида ба ин чорабинии пуршукӯҳи кишварамон гардиданд. Дар ин марафон зиёда аз 100 нафар наврасони велосипедрон ширкат варзиданд. Ҳамин сон дар вазъияти тантанавӣ ғолибони ин мусобиқа бо Ифтихорномаву туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар идомаи чорабинӣ меҳмонон аз тамошои Осорхонаи таъриху кишваршиносии ноҳияи Фархор баҳравар гардиданд. Зикр гардид, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар баробари рушди дигар соҳаҳо дар тамоми шаҳру навоҳии вилояти Хатлон Осорхонаҳои таъриху кишваршиносӣ бунёд гардидаанд, ки дар он бозёфтҳои бостонии ин сарзамини муқаддас ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Сипас, дар толори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор вохӯрии сокинону фаъолони ноҳия бо вакили Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Ҳасан доир шуд ва ҳамчунин дар ин вохӯрӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, муовини раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон Наврӯз Ҳусейнзода ва дигар собиқадорону фаъолони ноҳия баромад намуда, оид ба нақши Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳои худро иброз доштанд.

Мавриди зикр аст, ки вохӯриҳои сокинони шаҳру навоҳии вилояти Хатлон бо вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бахшҳои муҳими Аксияи “Албом-Эстафета” таҳти унвони “30-соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” арзёбӣ мегардад, зеро мардум дар ин вохӯриҳо аз суҳбати бевосита бо шоҳидони воқеии даврони оғози бунёди давлатдорӣ аз заҳмату талошҳои Пешвои муаззами миллат баҳри расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ва таҳкими рукнҳои давлати тозаистиқлоламон огоҳӣ пайдо мекунанд.

“АЛБОМ-ЭСТАФЕТА” ДАР ЛЕВАКАНТ

Субҳи 24 октябр Аксияи Ҷумҳуриявии “Албом-Эстафета” таҳти унвони “30-соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” аз ноҳияи Фархор ба шаҳри Левакант расид. Дар даромадгоҳи шаҳр намояндагони касбу кори гуногун бо суруду тарона истиқбол гирифтанд.

Бояд ёдовар шуд, ки Дилбар Раҳматуллозода, муовини раиси ноҳияи Фархор ва Муҳаммад Вализода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор “Албом-Эстафета”-ро ба муовини раиси шаҳри Левакант Неъматулло Кабирзода ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левкант Низора Олимзода супориданд.

Пас аз қабули “Албом-Эстафета” дар маркази шаҳри Левакант бо иштироки беш аз 900 нафар ҷавонону наврасон ва намояндагони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ бо шиору овезаҳои гуногун, ки тараннумкунандаи “30-соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат”- ро мекарданд, роҳпаймоӣ доир шуд.

Дар чорабинӣ меҳмонон ва иштирокчиён аз муассисаи давлатии таълимии “Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакант”, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳсил кардаанд, дидан намуданд.

Сипас, дар толори муассисаи мазкур бо иштироки муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Наврӯз Ҳусейнзода, муовини раиси шаҳри Левакант Неъматулло Кабирзода ва иштирокчии Иҷлосияи 16 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Саидов, собиқадорон ва фаъолони ҳизб ҳамоиш доир гардид.

Тавре, ки гуфт нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии кишвар бағоят бузург аст. “Албатта то раиси Шурои Олӣ интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягон қарор қабул нашуда буд. Пас аз оне, ки ба ин вазифа интихоб шуданд, 28 қарор қабул гардид, ки ин ҳама дар он шароит хеле муҳиму саривақтӣ буданд.

Дар дили Роҳбари давлат ҳеҷ ҳаросе аз душман набуд ва мақсади ягонаи ӯ танҳо сарҷамъ намудани мардуми пароканда ва обод намудани Тоҷикистон азиз буду халос.

Ҳар яки мо бояд ба қадри ин ободию сулҳу суботи мамлакат расем, зеро ин ҳама маҳз бо талошу заҳматҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар фарзандони фарзонаи миллат ба даст омадаанд”, – иброз дошт Файзулло Саидов.

Ҳамчунин, иштирокчиёни дигари ҳамоиш доир ба ин санаи тақдирсози миллат - Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, нақши иҷлосияро дар пойдории сулҳу суботи кишвар муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намуданд.

Ҷамолиддин УСМОНИЁН
Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ
“Ҳамрози халқ”

РЕЙТИНГИ ҲИЗБӢ «ОБУНА - 2023»

Обуна ба «Минбари халқ» то 21 октябр

Шаҳру ноҳияҳо	*Фоизи иҷроиш*	*Мақом*
Восеъ	100 %	1
Темурмалик	100 %	2
Шаҳритус	100 %	3
Балҷувон	100 %	4
А.Ҷомӣ	100 %	5
Дӯстӣ	100 %	6
Левакант	100 %	7
Панҷ	100 %	8
Фархор	100 %	9
Ҷайҳун	95,4 %	10
Н. Хусрав	94,2 %	11
Ш. Шоҳин	93,4 %	12
Хуросон	93,3 %	13
Ҳамадонӣ	85,7 %	14
Бохтар	85,7 %	15
Кӯлоб	85,0 %	16
Норак	80,0 %	17
Кӯшониён	79,3 %	18
Муъминобод	75,0 %	19
Ҷ.Балхӣ	72,9 %	20
Қубодиён	69,6 %	21
Вахш	68,7 %	22
Ёвон	67,3 %	23
Данғара	62,2 %	24
Ховалинг	50,8 %	25

Обуна ба «Ҳамрози халқ» то 21 октябр

Шаҳру ноҳияҳо	*Фоизи иҷроиш*	*Мақом*
Темурмалик	100 %	1
Н. Хусрав	100 %	2
Шаҳритус	100 %	3
Левакант	100 %	4
Восеъ	100 %	5
Кӯшониён	100 %	6
А.Ҷомӣ	100 %	7
Балҷувон	100 %	8
Дӯстӣ	100 %	9
Бохтар	100 %	10
Ш. Шоҳин	100 %	11
Панҷ	100 %	12
Хуросон	95,7 %	13
Данғара	95,5 %	14
Ҷайҳун	95,0 %	15
Норак	92,9 %	16
Кӯлоб	88,5 %	17
Ҳамадонӣ	88,0 %	18
Вахш	86,4 %	19
Ҷ. Балхӣ	85,6 %	20
Муъминобод	85,0 %	21
Қубодиён	84,9 %	22
Фархор	84,2 %	23
Ёвон	82,5 %	24
Ховалинг	58,3 %	25

Эзоҳ: дар вилоят иҷроиши нақшаи обуна ба «Минбари халқ» ҷамъ 83,9% (32722 нусха), ба «Ҳамрози халқ» 92,5% (19702 нусха)-ро ташкил медиҳад. Иҷрои нақша аз рӯи санаи иҷро ба ҳисоб гирифта шуда, зимнан Рейтинг муайян карда мешавад.

ПЕШРАФТИ ЗИНДАГИИ ШУКРОНА БО ЧАРХИ ОСИЁБ

Дар бархе аз рустоҳои вилояти Хатлон заноне дар таъмини рӯзгор заҳмат мекашанд, ки на ҳар мард ҳатто метавонад кори онҳоро уҳдабаро бошад. Воқеан ҳам фаъолияти онҳо боиси таҳсин, намунаи ибрат ва сабақи зиндагӣ мебошад.

АРӮС АЗ ПОЙТАХТ, ДОМОД АЗ БАЛҶУВОН

Сокини ноҳияи Балҷувон Шукрона Самиева дар ҳавлиаш коргоҳи хурди коркарди ғалла дорад. Ҳар рӯз баъди анҷоми кори хона дари коргоҳашро боз карда, гандумҳои мардумро орд мекунад. Ӯ аслан зодаи шаҳри Душанбе аст.

Зимни таҳияи ин матлаб ба хонаи эшон рафтем. Ӯро дар коргоҳаш саргармӣ кор дидем. Шукрона дар хусуси ба деҳа омадану, осёбчӣ шуданаш қисса кард.

«Шавҳарам дар шафати хонаи мо иҷоранишун буд ва дар донишгоҳ таҳсил мекард. Маро дида ошиқам шуд. Ман ҳам ӯро дӯст доштам. Мо қариб ҳар рӯз ҳамдигарро медидем ва муҳаббатамон то рафт зиёд мешуд. Қавл додем, ки бо ҳам издивоҷ мекунем. Ҳарчанд волидайнамон розӣ набуданд, вале ишқи мо ғолиб омад. Бо амри тақдир ба ишқамон расидем», – нақл кард ӯ.

Шукрона Самиева 35 сол дорад. Соли 2011 бо шавҳараш издивоҷ карда, ба ноҳияи Балҷувон меояд. Он замон шавҳараш ҳанӯз донишҷӯ будааст.

АЗ КӮШИШҲОИ КЕЛИНИ ШАҲРӢ

Ба гуфтаи қаҳрамони матлаби мо хонаводаи Самиевҳо мехостанд, ки барои писарашон аз деҳа келин бигиранд, то ин ки корҳои деҳаро уҳдабаро бошад. Зиндагии мардуми деҳа аз шаҳр бо махсусиятҳои худ, аз ҷумла чорводорию кишоварзӣ фарқ мекунад. Амри тақдир будааст Шукрона келини хонаводаи Самиевҳо мешавад ва се келини ин хонавода, ки деҳотӣ буданд ба зиндагии мустақилонаи худ мепайванданд ва Шукрона бо хусуру хушдоман мемонад.

«Дар инҷо зиндагӣ тамоман дигар аст. Аз ҳайвонҳои хонагӣ сахт метарсидам. Ба худ мегуфтам, ки ман дар инҷо намеистам. Вале бо гузашти чанд моҳе говҷӯширо ёд гирифтам. Медидам, ки дигар занони хона барои зимистонгузаронӣ тапак мекарданд ва ман ҳам бо онҳо ҳамроҳ мешудам. Барои онки шавҳарам таънасори дигарон нашавад, кӯшиш мекардам, ки корҳоро уҳдабаро шавам. Медонам, бархе аз духтарони шаҳр намехоҳанд, ки дар деҳот зиндагӣ кунанд ва аз ноуҳдабарой зиндагияшонро вайрон мекунанд, ки ин кори хуб нест. Оилаи солиму зиндагии хуб доштан, беҳтарин неъмат аст», – гуфт Ш. Самиева.

ИДОМАБАХШИ ШУҒЛИ ХУСУР

Қаҳрамони мо алъон чаҳор фарзанд дорад. Ҳарчанд дар аввал деҳа барояш писанд набуду мехост дубора ба шаҳр баргардад, вале имрӯз ҷигарбандонаш зиндагиашро рангинтару мустаҳкамтар кардаанд. Акнун табиати деҳа, кӯҳҳу пуштаҳои он барояш дилписанданд. Мегӯяд, ки осиёб аз хусураш ба онҳо мерос мондааст. Баъди фавти хусураш шавҳараш онро истифода мекард. Даромади ягонаи зиндагияшон аз ҳисоби осёб буд. Оҳиста-оҳиста фарзандҳо калонтар шуданду рӯзгор вазнинтар.

Шавҳари Шукрона Самиева устои мошин аст. Тамоми кори осёб ба ҳамсараш вогузор асту худаш дар шаҳри Душанбе аз пайи кори худ.

«Вақте шавҳарам дар осёб кор мекард, гоҳо ба ӯ ёрӣ мерасондам. Ҳамаи нозукиҳои истифодабарии онро ба ман нишон доду худаш ба Душанбе рафт. Беш аз як сол мешавад, ки осёбро ман истифода мебарам. Як халта орд 340-350 сомонӣ шудааст. Орд намехарем. Фарзандонам калон шуда истодаанд, бояд маблағ захира намуда, хона бисозем», – мегӯяд ин зан.

МИЗОҶОН: ОСИЁБЧӢ ДАР КУҶОСТ?

Ба нақли Шукрона Самиева дар мавсими ҳосили гандум, ки моҳҳои июну июл аст, дар як рӯз то 10 нафар гандумҳои худро барои коркард ба коргоҳи онҳо меоранд. Имрӯзҳо бошад муштариёнаш кам аст. Вале ягон рӯз коргоҳаш бекор намемонад. Сари ҳар халта гандум 5 кило гандум ҳаққи кор мегирад.

“Мизоҷон маҳсулоташонро ба коргоҳ меоранд, аз ман мепурсанд, ки осёбчӣ дар куҷо аст, то гандумҳои моро қабул кунад. Бо ханда мегӯям, ки шумо бо осёбчӣ гап зада истодаед. Бовар намекунанд. Вақте осёбро ба кор медарораму гандумҳоро орд мекунам, дар ҳайрат мемонанд. Калонсолон мегӯянд, ҳазор раҳмат ба падару модарат, ки ҳаминхел фарзанд тарбия кардаанд. Бо шунидани чунин суханҳо дубора неру гирифта, ба корам идома медиҳам”, – мегӯяд Шукрона Самиева.

Қариб ҳамаи сокинони ноҳияи Балҷувон ба чорводорӣ машғул мешаванд, зеро шароити минтақа ба ин шуғл мувофиқ аст ва аз ҳама муҳим дастрасӣ ба хӯроки чорво дар инҷо мушкил нест.

Шукрона Самиева мегӯяд, ки ҳарчанд дар рӯзҳои аввали омаданаш ба деҳа аз ҳайвонҳои хонагӣ бим дошт, вале алъон аз ин шуғл низ дилканда наметавонад. Ҳарчанд дур аз волидайну хешу табор аст, вале шукрона менамояд, ки оилаи солиму зиндагии осуда дорад.

Амонҷон Муҳиддинов,
“Ҳамрози халқ”

Вазъи ҳаво дар вилояти Хатлон барои ҳафт рӯз

Дурустии миёнаи пешгӯиҳои ҳаво 80-85% аст.

Сарчашма: www.gismeteo.ru

27 октябр	28 октябр	29 октябр	30 октябр	31 октябр	01 ноябр	02 ноябр
+14° +21°	+14° +23°	+17° +27°	+18° +25°	+15° +20°	+13° +20°	+13° +21°

Эзоҳ: Маълумот мутобиқ ба маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар манзур шудааст. Фарқият дар ҷанубу ғарби вилоят (водиҳои Айвоҷ) 7-12 ва дар ҷанубу шарқи он (водиҳои Муъминобод) 10-14 дараҷа нисбат ба иттилои мазкурро ташкил медиҳад.

САБАҚИ ТАЪРИХ ВА МАФКУРАСОЗӢ

Дар ин шабу рӯз сокинони саодатманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омодагии ҳамаҷониба аз истиқболи ҷашни 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаҳои гуногуни ҷамъиятӣ содиқона заҳмат кашида истодаанд. Аммо дар хориҷ аз кишвар ду дидгоҳи комилан мухолиф хайрхоҳон ва бадхоҳони Тоҷикистон рӯйдоду воқеаҳои дохили кишвари моро аз назари манфиату мавқеъгириҳои худ баҳо медиҳанд. Мардуми кишварамон бошанд бо мурури таҷрибаи рӯзгор ба хубӣ медонанд, ки дар ростои муборизаҳо ба хотири таҳкиму пойдории давлати соҳибистиқлоламон бояд мавқеи устувор дошта, бо дӯстон чӣ гуна муносибат доштану дар муқобили душманони миллати хеш чӣ гуна вокунишҳо нишон диҳад.

Дар доираи омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Иҷлосияи таърихӣ дар саросари кишварамон чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-сиёсӣ идома дорад, месазад аз ҷанбаҳои тарбиявӣ ва моҳияти ташкилу баргузории ин гуна маросимҳои идона ёдовар гардид, ки дар баробари таҷлили ин санаи барои мардуми Тоҷикистон муқаддасу тақдирсоз, ҳамзамон, ба хотири ташаккули афкори ҷавонон дар рӯҳияи арзишҳои милливу давлатдорӣ ва арҷгузорӣ ба хизматҳои шоёни фарзандони фарзонаи миллат дар масири бунёдгузории давлати соҳибистиқлоламон мафкурасозӣ кард.

Дарвоқеъ, суҳбату вохӯриҳои вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии ҶТ ва сиёсатмадорону фаъолони ҲХДТ дар вилояти Хатлон бо сокинони шаҳру навоҳӣ, ки дар доираи Аксияи ҷумҳуриявии “Албом-Эстафета” ҷараён дорад, фурсати муносибе баҳри огоҳии сокинон, ба хусус насли ҷавон, аз воқеияти солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишварамон аст. Дар он давра, ки Тоҷикистонро хатари нестӣ ва мардуми онро парешониву ранҷу азоби ғарибӣ таҳдид мекард, маҳз бо шарофати хирадии азалӣ, мавқеъгириҳои ҷадид ва муборизаи ҷонфидоёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари тозаистиқлол аз вартаи парокандагӣ наҷот ёфт. Аз ин лиҳоз, барои насли наврасу ҷавонони мо бисёр муҳим аст, ки воқеияти он давраи ҳассоси таърихиро аз забони шоҳидони вақт шунида, оид ба моҳияти Истиқлоли давлатӣ ва ҳифзи якпорчагии сарзамини аҷдодӣ ва масъулияти ватандории хеш огаҳии дуруст дошта бошанд.

Тавре дар ҷараёни Аксияи ҷумҳуриявии “Албом-Эстафета”, таҳти унвони “30-соли созандагӣ бо Пешвои миллат” дар вохӯрии вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолони ҲХДТ бо сокинони ноҳияи Фархор зикр гардид, натанҳо наврасону ҷавонони имрӯзи Тоҷикистон, балки наслҳои ояндаи мо дар саду ҳазорсолаҳои минбаъд низ ҳақбаранд, ки аз воқеияти таърихии даврони гузариш ба сохти нави давлатдории ниёгони хеш огоҳии амиқ дошта бошанд.

Тавре Адолат Раҳмонова, вакили иҷлосияи 16-уми Шурои Олии ҶТ зимни суханронии хеш изҳор дошт, Иҷлосияи мазкур аз муҳимтарин рӯйдоди даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад, ки ба таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, бунёдгузории давлатдории навини тоҷикон замина гузошт. Дар 30 соли охир зери сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми Тоҷикистон ба пешрафту дастовардҳои бузург ноил гардидаанд, ки маҳз ҳамаи онҳо аз самараи Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ сарчашма мегиранд.

Ба гуфтаи Адолат Раҳмонова дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ бинобар бетаҷрибагӣ аз ҷиҳати сиёсӣ неруҳои бадхоҳ бо ташкили ҳизбу ҳаракатҳои гуногун, ки баъзеашон ҳатто дар Вазорати адлия ба қайд гирифта нашуда буданд, миёни мардум тафриқаандозӣ намуда, мардумро ба гирдоби ҷангу хунрезиҳо кашиданд. Ӯ ёдовар шуд, ки куштори бераҳмонаи Муродулло Шерализода, сармуҳаррири рӯзномаи “Садои мардум” дар санаи 5-уми майи соли 1992 дар назди бинои Шурои Олӣ, бераҳмона ба қатл расонидани Прокурори Генерелии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев дар субҳи 24-уми августи соли 1992 ва куштори бераҳмонаи Моёншо Назаршоев, муовини Раиси Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 1994 аз ҷумлаи қурбониҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандист, ки аз сӯи силоҳбадастони ТТЭ ҲНИ анҷом дода шудааст.

–Хушбахтона, баъди ҷаҳду талошҳои фарзандони содиқи халқи Тоҷикистон ва дӯстони қарини мо Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ баргузор гардид, ки дар он баъди муҳокимаву баррасиҳои зиёд вакилони мардумӣ номзади арзанда ба вазифаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб намуданд. Новобаста ба вазъи печидаву мураккаби сиёсӣ дар кишварамон як тан аз ҷавонтарин намояндагони мардумӣ - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он замон ҳамагӣ 40 сол дошт, дар нахустин суханрониашон ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми азиятдидаи Тоҷикистон ва тариқи расонаҳои хабарӣ ба фирориёни кишвар паёмҳои худро расонид, ки : “Ман ба Шумо сулҳ меорам”, “То охирин гурезаи тоҷикистониро ба Ватан бар нагардонам ором намегирам”.

Дар ин вохӯриҳо ҳамчунин, вакили Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии ҶТ Рафиқа Мусоева бо андешаҳои таконбахшу таассуроти ҷолибаш аз лаҳзаҳои ҳассоси он рӯзҳои тақдирсоз таваҷҷуҳи сокинон, ба хусус ҷавононро ба шинохти чеҳраҳои мондагори таърих, омӯзиши таърихи солҳои мудҳиши Ватан ва пайравӣ аз сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои муаззами миллат ҷалб намуд. Ба андешаи ӯ насли ҷавон бояд донад, ки ин сулҳу ваҳдати пойдори мо, зиндагии шоиставу татбиқи ҳадафҳои бузург саҳлу осон муяссар нагардидаанд.

Рафиқа Мусоева ҳамчун шоҳиди зиндаи рӯзу моҳу солҳои аввали баъди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз медорад, ки хизматҳои шоёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати соҳибистиқлоламон бемислу беназир аст. –Мояи ифтихори ҳар фарди худогоҳи Тоҷикистон аст, ки модари тоҷик чунин фарзанди фарзонаеро барои миллат зодаву ба воя расонидааст ва моро аз вартаи нестӣ ба авҷи муваффақияту хушбахтиҳои бузург расонид, –мегӯяд Р. Мусоева.

Дар суҳбату вохӯриҳо бо сокинони вилоят ҳамчунин, Миралиён Қиёмиддин, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон аз хизматҳои бузурги Сарвари давлат дар бунёди давлати соҳибистиқлол ёдовар гардида, аз сокинон, ба хусус аз насли ҷавон даъват ба амал оварданд, ки бо саъю кӯшиши бештар хубу аъло таҳсил намоянд, то дар оянда бо хизмати содиқона ба Ватан дар рушду нумӯи кишвари азизамон саҳми муносиб гузошта тавонанд. –Дарвоқеъ, барои насли ҷавони кишварамон, ки оид ба ҳаводиси солҳои 1990-ум аз нақли бузургсолон ва асару маъхазҳои таърихӣ огоҳӣ доранд, аз суҳбатҳои ошкоро бо вакилони ин Иҷлосияи тақдирсоз баробари мутолиаи як асари таърихӣ ғизои маънавӣ ва таассуроти фаромӯшнопазир мебардоранд, –иброз дошт Миралиён Қиёмиддин.

Бахши дигари дидору вохӯрии вакилони Иҷлосияи таърихӣ ва роҳбарону фаъолони ҲХДТ бо мардум ин иштирок дар намоиши ҳунарҳои мардумӣ, озмуну маҳфилҳои илмӣ-адабӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ варзишӣ ва боздид аз раванди кори корхонаҳои навбунёди истеҳсолӣ мебошад, ки заҳматкашон ва мардумони оддии деҳот бо шахсиятҳои маъруфи кишвар аз наздик суҳбат менамоянд. Тавре коргарони Корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ иброз доштанд, аз лаҳзаҳои фараҳбахши суҳбат бо вакилони Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таассуроти зиёде бардошта, дар оянда баҳри рушду пешрафтҳои истеҳсолӣ саъю талоши бештар хоҳанд намуд.

Илова бар ин ташкили роҳпаймоиҳои дастаҷамъонаи ҷавонон ва сокинони касбу кори гуногуни шаҳру ноҳияҳо аз сарҷамъиву иттиҳоду ҳамбастагӣ ва пойдории ҷовидонаи сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дарак медиҳад. Мардуми хушбахту саодатёри Тоҷикистон бо шукргузорӣ аз тинҷиву осудагӣ кору зиндагӣ дошта, бо иштироки фаъолона дар ҷашну маросимҳои идона меҳру садоқати бепоёни хешро ба Пешвои муаззами миллат баён менамоянд, ки ба хотири ин рӯзҳои неку ояндабахш корномаи бузургу беназире нишон додаанд. Ҷавобан ба хизматҳои мондагори фарзандони фарзонаи миллат мо, насли имрӯзи Тоҷикистони соҳибистиқлолро мебояд, ки пеш аз ҳама, дар роҳи хизмат ба халқу ватани хеш содиқу вафодор бошем.

Ҷамолиддин УСМОНИЁН,
“Ҳамрози халқ”

НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАЪМИНИ АДОЛАТИ СУДӢ

6 ноябри соли 1994 мардуми шарифи Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуданд, ки он дар таърихи навини халқи тоҷик ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз мавқеи махсусро касб намуд.

Ҳамаи дастовардҳои мамлакатамон аз ҳамин санади олии ҳуқуқӣ маншаъ мегиранд ва дар расидан ба дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, амалисозии ормонҳои миллӣ нақши Конститутсия бағоят муассир аст. Дар он пеш аз ҳама ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия, судӣ), мақомот ва рукнҳои идоракунандаи давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият ва кафолати рушди он ва дигар ҷанбаҳои умдатарини давлат ва ҷомеа аҳамият дода шудааст.

Конститутсия аввалин маротиба Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати ҳуқуқбунёд эътироф намуд. Яке аз нишонаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ин кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини амалишавии онҳо мебошад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки қисми меъёрҳои Конститутсия ба масъалаи ҳуқуқи инсон бахшида шуда, далели гуфтаҳо ин аст, ки боби дуюми Конститутсияи ҶТ «ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» ном гирифтааст ва он дарбаргирандаи 34 модда мебошад. Дар боби мазкур ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивии инсон пешбинӣ гардида, дар моддаи 5-ум бошад, инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардидааст. Дар маҷмӯъ оид ба вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд ва масъалаҳои ба онҳо вобаста зиёда аз 42 моддаи Конститутсия бахшида шудааст. Конститутсияҳои собиқ ИҶШС ва ҷумҳуриҳои аъзо сохтмони ҷомеаи коммунистиро мақсади худ эълон намуда, инсонро ҳамчун шаҳрванди давлат ва аъзои ҷамъият меҳисобиданд. Конститутсияи ҶТ бошад, дақиқ муайян менамояд, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар Конститутсия муқаррар шудааст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд (қ.3 м.5 Конститутсияи ҶТ).

Мақоми хоса дар ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд ба ҳокимияти судӣ тааллуқ дорад. Зеро дар сурати риоя нашудани ин ҳуқуқҳо аз ҷониби дигар мақомот, шахс метавонад бо истифода аз ҳифзи судӣ, шоҳаҳои дигари ҳокимиятро уҳдадор намояд, ки ин ё он амалеро, ки ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро маҳдуд ва ё поймол намудааст, бартараф намояд. Гузашта аз ин, ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз воситаҳои самарабахши барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ба ҳисоб меравад. Дар ҳимояи ҳуқуқи инсон дар давлатҳои ҳуқуқбунёд нақши ҳокимияти судӣ калон мебошад, чунки он қуллаи баланди ҳимояи ҳуқуқ пазируфта шудааст.

Конститутсия кафолатҳои қонунии амалинамоии ҳокимимяти судиро муқаррар намуда, мустақилият ва соҳибихтиёрии онро таъмин менамояд. Талаботи муқаррарнамудаи Конститутсия нисбати судяҳо – дар асоси принсипҳои демократӣ баамалбарории адолати судӣ, имконияти гирифтани ёрии ҳуқуқии дастрас барои ҳар инсон, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрванд ва ғайра мавқеи судро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо назаррас мегардонанд.

Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ вазифаҳои асосӣ, ташкил ва фаъолияти судҳоро пурра ба танзим даровардаанд. Мувофиқи он ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассиса, қонунияту адолатро ҳифз мекунад.

Хулоса вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа, таъмини озодии шахсият яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва асосии пешрафти ҷомеа ба шумор меравад. Воситаи асосии мустаҳкамкунӣ ва эътирофи озодии мавҷуда аз ҷониби давлат ин Конститутсия мебошад.

Гулмуродзода Аслиддин,
пристави Суди шаҳри Бохтар

САМАРАИ МЕҲНАТ

Бозорой Қурбонова, сокини деҳаи Чапарӣ-2, ҷамоати деҳоти ба номи Утақара Назарови ноҳияи Қубодиён аз зумраи занони қавииродаву меҳнатдӯст аст, ки тӯли 17 сол аст роҳбарии хоҷагии деҳқонии "Ҳоҷӣ Ҷумъа"-ро ба уҳда дорад. Ин модари чашмикордон ба душвории кор нигоҳ накарда, ҳамасола бо ҳамроҳии аъзои оилааш дар кишту парвариши пахта, гандуму юнучқа, дарахтони гуногуни мевадиҳандаи шаҳдбор ва сабзавоти тару тоза дар хоҷагии деҳқонии ба номи "Ҳоҷӣ Ҷумъа" заҳмат мекашад.

Хоҷагии деҳқонии "Ҳоҷӣ Ҷумъа" соли 2005 таъсис ёфта, масоҳати замини он 10 гектарро ташкил медиҳад. Солҳои қаблӣ кор дар замин бароям бисёр душвор буд, зеро аз лиҳози нарасидани техникаҳои зарурӣ ва нуриҳои азотӣ барои кишту парвариши зироат танқисӣ мекашидам. Вале аз ин душвориҳо наҳаросида, мушкилиҳое, ки дар мавсими кишту кор рӯ ба рӯ мешуданд, ҳаллу фасл менамудам. Баръакс, муқобили ин ҳама норасоиҳо мубориза бурда, талош кардам то дар кори худ муваффақ гардам. Хушбахтона, бо зина ба зина рушд кардани соҳаи кишоварзӣ ҳама он мушкилиҳои ҷойдошта паси сар шуданд ва имрӯз ба муваффақиятҳои баланди меҳнатӣ ноил гардидам.

– Одам бояд аз мушкилиҳои зиндагӣ наҳаросад, зеро зиндагӣ худ мубориза аст ва барои муваффақ шудан дар дилхоҳ самт меҳнати софдилона мебояд. Аз ин рӯ, агар инсон иродаи устувор дошта бошад бо меҳнати пурсамар аз уҳдаи ҳама кор баромада метавонад.

Хоҷагии мо солиёни зиёд аст, бо ширкати "Исмоили Сомонӣ" шартномаи ҳамкорӣ дошта, дар худ 20 нафар аъзо дорад, ки аслан аз ҳисоби занону ҷавондухтарони хонашин ва нафарони бекор мебошанд. Коргарони мо дар мавсими кишту кор дар хоҷагӣ кору фаъолият карда, аз ин ҳисоб рӯзгорашонро пеш мебаранд.

Ҳамасола дар 8 гектар қитъаи замини хоҷагӣ пахта, дар 1 гектар дарахтони мевадиҳандае, ки дар иқлими ноҳия мутобиқ аст, дар боқимондаи заминҳо маккаи дон, гандуму юнучқа, картошка, чормағзи заминӣ, тарбуз, помидору бодиринг ва дигар намуди зироат кишт менамоем. Имсол пахтае, ки мо кишт кардем навъи "Бухоро" буда, то ба имрӯз аз ҳар гектар замини пахта 25 сентнерӣ ҳосил ҷамъоварӣ намудаем. Имрӯз ҳосил дар пахтазор фаровон аст, барои ҳаққи чиниши ҳар килограмм пахта 1 сомонӣ пардохт менамоем. Ман ҳамчун роҳбари хоҷагии деҳқонӣ пеши худ мақсад гузоштам, ки бо истифода аз рӯзҳои офтобӣ барои беталаф ҷамъоварӣ кардани ҳосил аз ҳама имкониятҳо истифода бурда, аз уҳдаи нақшаи ба зиммадоштаам сарбаландона бароям, – мегӯяд Бозорой Қурбонова.

Бозорой бо хушҳолӣ аз самараи меҳнаташ ёдовар шуда, изҳор дошт, ки аз фаъолияти худ дар ин ҷода қаноатманд мебошад ва дар раванди кишту кори заминҳо аз ҳар навовариву дигаргуниҳо руҳу илҳоми тоза мегирад. Аз ин рӯ, бо шукргузорӣ аз неъматҳои офаридгор ҳар вақаб замини дар ихтиёрдоштаро самаранок истифода мебарад. Инчунин, дар баробари парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ҳамасола аз онҳо дар мавсими ҳосилғундорӣ самараи хуб ба даст оварда, бозорҳои ҳудуди ноҳияро бо сабзавоти тару тоза, меваҷоти ширину лазиз таъмин менамоям. Боқимондаи сабзавоту меваҷотро барои зимистонгузаронии оилаи худ истифода бурда, аз он афшураву мураббо, ширинию нӯшоба ва ҳаргуна консерваҳо дар зарфҳои шишагин захира менамоянд.

Номбурда дар идомаи суҳбат иброз дошт, ки дар оянда тасмим доранд бо фароҳам омадани шароит бо ҷалби мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи боғдорӣ ниҳолони зардолуи хушзотро зиёд намоянд, то аз хушкмеваи он барои фасли зимистон маҳсулоти хуштаъм захира намоянд. Тавре аз тавсияҳои мутахассисон маълум гардид, иқлими ноҳияи Қубодиён нисбат ба иқлими дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят фарқкунанда буда, барои парваришу истеҳсоли ниҳоли зардолуи ғулингӣ мувофиқ аст. Ба гуфтаи табибон ғулинги зардолу ба саломатии инсон фоидаи калон дошта, истеъмоли нӯшобаи он ба бемориҳои дил шиф о мебахшад. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026-ро ҳамчун "Солҳои рушди саноат" эълон карданд, ки ин барои рушди соҳаи саноат ва фароҳам омадани ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандон бисёр муфид аст.

Бозорой Қурбонова дар пайравӣ аз сиёсати ободкоронаи Роҳбари давлат ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар – таъмини амнияти озуқаворӣ кӯшиш дорад дар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хушсифат саҳмгузор бошад.

– Мо имрӯз занону модарони кишвар хушбахттарин модар ҳастем, ки дар фазои озоду соҳибистиқлол дар паҳлуи мардон истода, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ зери сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар кору пайкор дошта, зиндагиамонро аз ин ҳисоб пеш мебарем. Худро хушбахт меҳисобам, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар озодонаву сарбаландона меҳнат карда, дар пешрафту ободии сарзамини аҷдодӣ саҳм гузошта истодаем, – бо ифтихор иброз медорад Бозорой.

Ӯ дар баробари бо замин сару кор доштанаш ҳунари кадбонугиро хуб аз худ намуда, дар ярмаркаву чорабиниҳои сатҳи ноҳиявӣ бо маҳсули дастони муъҷизаофараш миёни мардум соҳибэҳтиром гаштааст. Касбу ҳунарҳои хешро ба занону ҷавондухтарони хонашин тавсия медиҳад. Ба шогирдонаш пайваста таъкид карда мегӯяд, ки: "ҷавононро, ки дар оянда зиндагии мустақилона интизор аст, бояд аз уҳдаи ҳама кору ҳунарҳои хонагӣ баромада тавонанд. Чунки маҳз ҳунар инсонро ба мақсад мерасонад, шахси ҳунарманду кордон дар ягон давру замон барои пешбурди рӯзгори хеш миннатшунаву муҳтоҷи дигарон намешавад".

Зебо БОЗОРОВА,
"Ҳамрози халқ"

Ҳакиме ба деҳе сафар кард. Зане, ки ҷазби суханҳои ӯ шуда буд, аз ҳаким хоҳиш кард, ки меҳмони вай шавад.

Ҳаким пазируфт ва раҳсипор ба сӯи хонаи он зан шуд.

Сардори деҳа ҳаросон худро ба ҳаким расонид ва гуфт:

- Он зан бероҳа аст, ба хонаи ӯ наравед.

Ҳаким фармуд:

- Яке аз дастонатро ба ман бидеҳ.

Сардори деҳа тааҷҷуб кард ва яке аз дастонашро дар дасти ҳаким гузошт.

Ҳаким гуфт:

- Акнун қарсак бизан.

Сардор бештар ҳайрон шуд ва гуфт:

- Ҳеҷ касе бо як даст қарсак зада наметавонад.

Он гоҳ ҳаким лабханде заду гуфт:

- Ҳеҷ зане низ наметавонад ба танҳоӣ бероҳа бошад, магар ин, ки мардони деҳа низ бероҳа набошанд.

БИЁ БИХАНДЕМ!



— Устод, камбудиҳои худамро чихел фаҳмам мешавад?

— Роҳаш осон. Як камбудии занатро ба рӯяш гӯй, нафақат камбудиҳои худат, балки камбудии тамоми авлоду аҷдодатро мефаҳмӣ.

ТАВАҶҶУҲ!

Сканворди рӯзномаи «Ҳамрози халқ» №39 (20.10.2022)-ро Хайрулло Давлатов, роҳбари театри вилоятии лухтаки "Афсона"-и шаҳри Бохтар дуруст пур карда, ғолиб дониста шуд.

Ҷавоби сканворди ҳафтаномаи №39

		В	А	З	О	Р	А	Т			М	А	Н	О	Р	А
	С		Н					И					О		А	
Б	А	Р	Г					Р					Б	А	Д	Й
	Р		У					А					И		И	
К	И	П	Р					М					Н	А	Ф	С
У		Е		А	М	И	Н	О		У	Г	Р	О			Е
Р	А	Ш	О	Д		Т		Ҳ		Ш		А		Ш	А	Б
А				А	У	Т			Г	У	Р	З	А		Н	
Ш	У	Р	У	П		И	Ф	Ш	О			М		С	О	Я
А		У		Т	У	Л	А		Л	А	Н	Г		И	Р	С
К	А	Ш	Н	Е		О	Н	И		Д	И	О	Н	А		И
Л		Д		Р	А	Ъ	Д		С	У	Л	Ҳ		М	Ӯ	Р

СКАНВОРД

ТАВАҶҶУҲ! ҒОЛИБРО ТУҲФА ИНТИЗОР АСТ!

Ҳар нафаре, ки аввалин шуда сканвордро дуруст пур карда, ба суроғаи дар поён дарҷшуда ё тариқи почтаи электронии info@hkhdtkhatlon.tj расонад, соҳиби туҳфа мешавад. Шахси ғолиб дар саҳифаи фейсбукии ҳафтаномаи "ҲАМРОЗИ ХАЛҚ" низ муаррифӣ мегардад.

Аммо ба ҳар нафар имконияти дар як моҳ як маротиба иштирок дар озмун дода мешавад.



Ҳамрози халқ

Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Маҳмадалӣ Акрамов**

Ҳайати мушовара: **Қурбон Ҳакимзода,** раиси вилояти Хатлон, **Фирӯза Шарифӣ**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Миралиён Қиёмиддин,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Зебо Бозорова, Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Аҳлиддини Муборакшоҳ** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-02-11**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Шарқи озод» бо теъдоди **19700** нусха нашр шуд.